

**09.02,2018**

Имрӯз Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон як катор кадрхоеро, ки дар макомоти Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, макомоти ичроияи хокимияти давлатии шахру нохияхои вилоятхои Хатлону Сугд, вазоратхои мудофиа, маориф ва илм, Хадамоти гумрук, Кумитахои сохтмон ва меъморӣ, хифзи мухити зист ва Агентии авиатсияи гражданӣ ба вазифахои масъулу рохбарикунанда таъин ва пешниход гардиданд, ба хузур пазируфтанд.

Мутобики банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Чумхурии Точикистон пешниходи Президенти Чумхурии Точикистон "дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Чумхурии Точикистон бозхонд ва ба вазифаи судяи Суди конститутсионии Чумхурии Точикистон интихоб намудани Абдурахимзода Дилором Рустам", "дар бораи ба вазифаи судяи Суди Олии Чумхурии Точикистон интихоб намудани Ализода Набӣ Искандар ва Абдулхаков Махмадалӣ", дар асоси банди 2 моддаи 56 Конститутсияи Чумхурии Точикистон "дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии иктисодии Чумхурии Точикистон бозхонд намудани Исматзода Рахмат бинобар сабаби вафоташ" ба Мачлиси миллии Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон ирсол гардиданд.

Бо Фармонхои Президенти Чумхурии Точикистон Кудратзода Саидчон бо сабаби вафоташ аз вазифаи раиси суди нохияи Файзобод ва Табаров Хайрулло аз вазифаи раиси суди харбии гарнизони Хоруг бо сабаби расидан ба синни нихоии дар вазифаи

судя будан озод карда шуданд.

Мутобики моддаи 11 Конуни Чумхурии Точикистон "Дар бораи Палатаи хисоби Чумхурии Точикистон" пешниходи Президенти мамлакат дар бораи Раиси палатаи хисоби Чумхурии Точикистон таъин намудани Чиллазода Карахон ба Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон ирсол карда шуд.

Саидзода Бобочон Абдукодир бо Фармони Президенти Чумхурии Точикистон аз вазифаи Фармондехи Кӯшунхои хушкигарди Куввахои мусаллахи Чумхурии Точикистон озод гардида, бо Карори Хукумати Чумхурии Точикистон ба вазифаи муовини Вазири мудофиаи Чумхурии Точикистон таьин карда шуд.

Бо Фармонхои Президенти мамлакат Раисони шахрхои Исфара, Бӯстон ва нохияи Зафарободи вилояти Сугд, шахри Турсунзода, нохияи Мир Саид Алии Хамадонии вилояти Хатлон аз хисоби кадрхои кордону сохибтачриба таьин гардиданд. Зиёзода Сулаймон Ризоӣ, ки то ин вакт дар вазифаи Раиси нохияи Зафарободи вилояти Сугд кор мекард, минбаъд дар вазифаи муовини якуми Раиси вилояти Хатлон адои вазифа менамояд.

Бо Карорхои Хукумати Чумхурии Точикистон Турсунзода Хайдар муовини якум, Шерализода Хуршед ва Хурматзода Иззатулло муовинони Сардори Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон таьин шуданд.

Субхонзода Икром Субхон Директори Агентии авиатсияи граждании назди Хукумати Чумхурии Точикистон ва Набизода Азиз муовини директори Агентии мазкур таьин гардиданд.

Хамчунин, бо Карорхои хукумати мамлакат Сатторӣ Бахром Бобокул Директори ичроияи Гурӯхи татбики Лоихаи тачдид ва идомаи сохтмони мактабхои миёна таъин шуда, Айхон Шарифова аз вазифаи муовини Раиси Кумитаи хифзи мухити зист ва Окимбекова Зӯхро аз вазифаи муовини Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Хукумати Чумхурии Точикистон бо сабаби ба нафака баромаданашон озод карда шуданд. Рахматуллозода Шахноз- муовини Раиси кумитаи меъморӣ ва сохтмон ва Назарзода Заррина муовини Раиси Кумитаи хифзи мухити зисти назди Хукумати Чумхурии Точикистон таьин

гардиданд.

Зимни сӯхбат Пешвои миллат аз хар як хизматчии давлатӣ, ки собикаи корӣ ва малакаи зарурии рохбариро сохиб гаштаанд, садокат ба халку Ватан ва дасту дили пок ба дӯш гирифтани захмати шабонарӯзӣ барои пешрафти кишвари азизро талаб намуда, бахри ичрои рисолати сарварӣ дар асоси боварии мардум ва Сарвари давлат барору комёбӣ орзу намуданд. Дар чавоб ба эътимод ва гамхорихои Пешвои миллат онхое, ки масъулияти баланди рохбариро дар зинахои гуногуни хокимият ба ӯхда гирифтанд, изхор доштанд, ки дар оянда барои рафъи мушкилоту камбудихои чойдошта дар сохахои худ тамоми кӯшишу гайрат ва тачибаву малакаи андӯхтаашонро дарег намедоранд.

**president.tj**